«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., профессор
Ш.Раҳимзода ________________
«21» 08 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ба диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзӯи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот** ва аҳамияти илмиву амалӣ бо он муайян мегардад, ки дар охири асри XX иқтисоди ҷаҳонӣ шакли худро ба низоми ягонаи глобалӣ бадал карда, сохтори меҳвараш дақиқан ҷудошудаеро ба миён овард. Ҷаҳонишавӣ ақидаҳои гуногунро дар бораи шаклу усулҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ ба куллӣ тағйир дода, ба пайдоиши принсипҳои нави таъмини рақобат бо назардошти рушди шарикии стратегӣ мусоидат намуд. Ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ дар бахшҳои гуногун бо таваҷҷуҳ ба мубодилаи таҷриба, комёбиҳои илмӣ ва техникӣ, фановариҳои нав ва усулҳои инкшофи менеҷмент ва маркетинг ба омили муҳими таъмини субот ва самаранокии истеҳсолот мубаддал гардид. Гузашта аз ин, ширкатҳои давлатҳои аз нигоҳи саноатӣ пешрафта бо қотеият собит намуданд, ки шарикии стратегӣ ва густариши ҳамкориҳои дуҷониба ҷиҳати ноил гардидан ба самараи синергетикӣ, махсусан, дар самти инкишофи инноватсионӣ, ба таври муассир мусоидат хоҳад намуд. Дар чунин шароит густариш ва тавсеаи шарикии стратегӣ шарти асосии ноил шудан ба параметрҳои рақобатпазирӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ мегардад. Ин ҳолат омӯзиши мунтазами асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди шаклҳои муқарраршудаи шарикии стратегиро ҳамчун

муҳимтарин самти идоракунии самаранокии системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ талаб менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат, сиёсатмадори оқилу хирадманд, худ тавонистааст, ки бо тамоми кишварҳои олам муносибатҳои дӯстона ва ҳусни тафоҳумро дар арсаҳои мухталиф, аз қабили, илм, маориф, иқтисодиёт, сиёсат, башардӯстӣ ва ғайра ба роҳ монад. Чунин шароит имкониятҳои васеъро ҷиҳати густариш ва тавсеаи шарикии стратегии ширкатҳои саноатии Тоҷикистон бо ширкатҳои муваффақи дигар кишварҳо фароҳам месозад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ва бо назардошти кифоя набудани таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ аз тарафи олимони ватанӣ, омузиш ва ҳаллу фасли мушкилоти мазкур аҳамияти хос пайдо менамояд, ки дар кори илмии Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович ба қадри кофӣ таҷассум ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович бо таваҷҷуҳ ба навгонӣ ва натиҷаҳои ба даст омада ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050701 - Менеҷмент) мувофиқат менамояд: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва

ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии занҷираҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат; 10.16. Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-стратегияҳои байналмилалӣ. Паймонҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ. 10.17. Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатионӣ аз маводҳои назариявӣ ва маълумотҳои оморӣ васеъ истифода кардааст. Таҳлили иттилооти аввалия бо истифода аз усулҳои гуногун (монографӣ, оморӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, арзёбии рейтингӣ ва ғайра) имкон медиҳад, ки эътимоднокии таҳияву пешниҳодҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ собит шавад.

Қобили зикр аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович аз усулҳои моделсозии риёзӣ, усули таҳлили омилӣ, синтез ва индуксияву дедуксия васеъ ва самаранок истифода бурдааст, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тақвият бахшидаанд.

**Навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷанбаҳи назариявӣ ва амалӣ иборат мебошад.

Барои ба ин ҳадафҳо расидан довталаби дараҷаи илмӣ вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ҷиҳати ноил гардидан ба навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии муқаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ хулоса мешавад.

Ба андешаи мо, муқаррароти зерин аз хусусиятҳои навгонии илмӣ бархӯрдор мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян карда шудаанд, ки ҷиҳати мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ, суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, пешбинӣ мешаванд. Муаллиф бо овардани факту далелҳои муътамад зарурияти инкишофи шаклҳои шарикии стратегиро чун омили муҳими ворид шудан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба иқтисодиёти навоварона собит намудааст (саҳ. 16-37);

– муқаррароти методии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ асоснок гардиданд, ки имкон доданд принсипҳо, меъёрҳо, нишонаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шаванд. Дар ин замина, муаллиф таърифи худро дар робита ба мафҳуми шарикии стратегӣ пешниҳод намудааст, ки онро ҳамчун муттаҳидшавии ду ё зиёда ташкилот дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи ташкили сохтори нави ташкилӣ бо назардошти ноил шудан ба параметрҳои ҳамкории мутавозин ва муассир муайян менамояд, ки ба оптимизатсияи равандҳои ҳамгироӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, татбиқи самараноки иқтидори инноватсионӣ ва содиротӣ, бо нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо, нигаронида шудааст (саҳ.37-71);

– омилҳои муассир ба инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардид, ки имкон дод мушкилот ва монеаҳои рушди он ошкор карда шавад (саҳ.71-90).

– муаммоҳо ва дурнамои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ҳамчун заминаи ҳамкории мутақобилан судманд, ки ба ташаккули шароити мусоид барои рушди шаклҳои гуногуни шарикии стратегии байни корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд, тавсиф шудаанд (саҳ.90-103);

– модели риёзии арзёбии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ» дар асоси усули таҳлилӣ-омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд (саҳ. 103-120);

– стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи мутавозини маҷмуи чорабиниҳои рушду инкишофи муҳити ниҳодӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд, ки он имкон медиҳад, то ба фаъолияти сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридивазкунанда суръат бахшида шавад (саҳ.121-141);

– тавсияҳои илмиву амалӣ ҷиҳати ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо пешниҳод шудаанд, ки ҷиҳати рушди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ ва фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори табиии минтақаҳои кишвар бо таваҷҷӯҳ ба ташаккули неруи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад, мусоидат хоҳад кард (саҳ.141-160) .

Дар диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович бо таваҷҷӯҳ ба навгонӣ ва натиҷаҳои ба даст омада муқаррароти зерин ба сифати нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷудо шудаанд, ки комилан воқеӣ ва баргирифташуда аз матни диссертатсия мебошанд ва аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ доранд:

– механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ чун алоқамандии он (принсипҳои асосӣ, шаклҳо ва самтҳои ҳамкорӣ, усулҳои баҳамоӣ) дар заминаи таъмини оқилонаи алоқамандии омилҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории баҳамоии шарикон дар бахши саноат;

– принсипҳои асосии ташкил ва пешбурди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омезиши фарҳангҳои мухталиф, ки зарурати инкишофи фазои иттилоотиро бо таваҷҷуҳ ба густариши бемайлони иқтисодиёти рақамӣ ба миён меоварад ва аҳаммияти барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар ростои таъмини рақобатпазирӣ ва эҷоди самараи синергетикӣ асоснок менамояд;

– ба низом даровардани мушкилот/дастовардҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ҳамчун заминаи ҳамкории мутақобилан судманд;

– модели баррасии омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси усули таҳлили омилӣ муҳосиба шуда, дараҷаи таъсири омилҳои фазои касбу корро ба раванди густариши шарикии стратегӣ бо таваҷҷӯҳ ба раддабандӣ намудани омилҳои хеле муассир ва камтаъсир нишон медиҳад;

– алгоритми коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи корхонаҳои муштарак, ки пайдарпайии барномарезӣ ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатро дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти корхонаҳои муштарак чун самти афзалиятноки шарикии стратегӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос менамояд;

– маҷмӯи пешниҳодҳо, ки ба кластерикунонии бахшҳои афзалиятноки саноати кишвар бо таваҷҷуҳ ба фаъол намудани сохторҳои илмиву таълимӣ дар самти густариши шарикии стратегӣ равона карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар он ифода мeёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд назарияи менеҷменти

корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгирой бо ширкатҳои хориҷӣ пурратар гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди стратегияи давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ, такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд.

Муқаррароти илмиву амалӣ, дастовардҳои методии муаллифи таҳқиқот дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар донишгоҳҳои олии кишвар, муассисаҳои касбиву техникӣ дар мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Асосҳои менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти стратегӣ», «Менеҷменти байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии бурунмарзии корхонаҳо», «Менеҷменти инноватсионӣ» ва ғ. истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳлил ва омӯзиши диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович нишон дод, ки таҳқиқоти диссертатсиониро довталаб мустақилона анҷом додааст. Аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи каркарди мушкилоти тадқиқшаванда, навовариҳо, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф шахсан таҳия карда шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегӣ, принсипҳо ва омилҳои асосии рушди шаклҳои шарикии стратегӣ, омилҳои асосии рушди шарикии стратегии ширкатҳои саноатии Тоҷикистон, тавсеаи шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, роҳҳои густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар шакли таъсис ва рушди корхонаҳои муштараки саноатӣ – ҳама аз ҷониби муаллиф мустақилона тадқиқ ва дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 220 номгӯ иборат аст. Диссертатсия 192 саҳифаи матни компютериро дарбар гирифта, аз 37 ҷадвал ва 11 расм иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якум - «Ҷанбаҳои назариявию методологии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», падидаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба шарикии иқтисодии корхонаҳо баррасӣ гардидааст, ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯхта шудаанд ва принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳқиқ гардидаанд.

Дар боби дуюм - «Таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», инкишофи ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ таҳлилу арзёбӣ гашта, густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои саноат баррасӣ гардидааст ва омилҳои муассир бар густариши шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастабандӣ шудаанд.

Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», стратегияи густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар шакли бунёд ва инкишофи корхонаҳои муштарак баррасӣ гардида, шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар заминаи бунёди кластерҳои минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба густариши шарикиҳои технологии онҳо таҳқиқ карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**Тасвиби кори таҳқиқотӣ.** Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни солҳои 2018-2024 муҳокима ва пешниҳод гардидаанд. Дар робита ба натиҷаҳои таҳқиқот ва татбиқи онҳо аз Вазорати саноат ва технологияи нав ва аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санади татбиқ мавҷуд мебошад. Вобаста ба маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ интишор гардидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон.** Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯ]ҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд.

Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи 37 ҷадвал 11 расм, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дарбар гирифта, мутобиқ ба талґботи мавҷуда таҳия гардидааст.

## Эродҳо ва тавсияҳо

Дар диссератсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар қисмати назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари омӯзиш ва тавсифи ақидаҳо ва нуқтаи назари тарафдорони раванди ҷаҳонишавӣ, андешаҳо ва мавқеи онҳое, ки мухолифи ин раванд мебошанд, пурра шарҳ дода нашудааст.

2. Параграфи «1.3. Принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» номида шудааст. Воқеан принсипҳо хеле муфассал шарҳ дода шудаанд, вале омилҳо то андозае норавшан боқӣ мондаанд.

3. Дар параграфи «2.1. Арзёбии умумии инкишофи ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ» муаллиф метавонист динамикаи рушди ширкатҳои саноатиро бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ муҳосиба кунад.

4. Дар қисмати ниҳоии диссертатсияи аз таҷрибаи ширкатҳои ватанӣ дар самти инкишофи шарикии стратегӣ ба ширкатҳои хориҷӣ мисолҳои мушаххас овардан мумкин буд.

Албатта, ҳолатҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

## Хулосаи умумӣ

Диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзӯи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701–Менеҷмент) пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701– Менеҷмент) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти

ба пурраги анҷомрасида ҳисоб меёбад. Муаллиф тавонистааст, ки ин мавзӯи муҳим ва дар айни замон ба таври кофӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқнашударо ба таври муфассал шарҳу баён намояд. Бо таваҷҷӯҳ ба гуфтаҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701–Менеҷмент) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласи шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ аз таърихи 19.08.2024 с. бо суратҷаласаи №6 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Дар ҷаласа иштирок доштанд 7 нафар аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 5 нафар. Тарафдор 5 нафар, зид бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ
ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ИИД АМИТ,
д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.

**Ташхисгар:**
Мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ
ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ИИД АМИТ,
д.и.и., дотсент Каримова М.Т.

**Котиби ҷаласа:**
ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқоти
назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии
ИИД АМИТ, н.и.и. Довгялло Я.П.

Имзои Шарифзода Б.М., Каримова М.Т., Довгялло Я.П. – ро тасдиқ мекунам:

Инспектори калон оид ба кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Зиёева М.С.

Суроға; 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44. Тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сайт: www.ied.tj